ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК Б.ҒАФУРОВ

Дадобоева М.Н., Ҳасанов С.

# КАШИДАДЎЗӢ

(Дастури методӣ)



Хуҷанд-2011

ББК 85.12

Шўрои табъу нашри ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров ба чоп тавсия кардааст

Дадобоева М.Н. Ҳасанов С. КАШИДАДЎЗӢ (Дастури методӣ) . Хуҷанд, 2011, 44 саҳ.

Китоби мазкур, маълумоти мухтасарро оид ба таърихи кашидадўзӣ, ҳунармандони соҳа, маълумот доир ба намудҳои дўхт ва тавсияҳои методиро дар бар гирифтааст.

Дастур методӣ барои баланд бардоштани савияи дониши донишҷўёни факултети рассомӣ-графикӣ, ҳамчунин ба роҳбарони маҳфилҳои ҳунарии мактабҳои таҳсилоти миёна ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мусоидат менамояд.

Нусхаи ҳатмӣ

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»

221578 7(07)

© Дадобоева М.Н., Ҳасанов С., 2011

# МУҚАДДИМА

Тарбияи эстетикӣ - як қисми таркибии тарбияи ватандӯстӣ, зебоишиносӣ буда, он ба тарбияи ҳаматарафаи донишҷӯён мусоидат мекунад. Инкишофи мунтазами тасаввуроти бадеӣ нуктаи назариест, ки ҳиссиёти хурсандӣ ва қаноатмандиро инъикос менамояд.

Дар баробари ин, тарбияи эстетикӣ ба донишҷӯён барои пешравӣ, маҳорати ба ҳастӣ дохил намудани ҷузъиётҳои нав ба нави зебогӣ, ташаккул додани он ёрии амалӣ мерасонад.

Ҳар як инсон табиатан рассом аст. Ӯ дар ҳама гуна ҷабҳаҳои ҳаёти худ доимо ҳаракат менамояд, ки зебогӣ дарорад. Бинобар он, зарурияти меҳнати эстетикӣ ва натиҷаҳои онро нишон додан яке аз вазифаҳои асосии ҳар як омӯзгор мебошад.

Нигоҳ доштан ва тараққӣ додани санъати халқӣ дар мо на танҳо чун вазифаи муҳими хоҷагии халқ, балки ҳамчун муаммои идеологӣ низ мебошад, ки он ба муносибати бевоситаи ташаккули маданияти бадеии халқӣ мусоидат мекунад.

Санъати халқӣ дар инсон барои фикррони, сайри хаёлот, мусиқидонӣ, шоирӣ, фаҳмиши чуқури дунёи зебоӣ роҳ мекушояд. Кашидадӯзии бадеии халқӣ бошад - яке аз намуди маданияти ҳунари халқӣ ба ҳисоб меравад.

Ташкили таълими чунин намуди ҳунари халқӣ донишҷӯёнро барои бо санъати ороишӣ - амалӣ шинос намудан, омӯзонидани маҳорати кашидадӯзӣ ёрӣ мерасонад.

Вазифаи омӯзгорон ин шавқмандкунии донишҷӯён бо ҳунари дастӣ, нишон додани боигарии ин намуди санъат буда, дар машғулиятҳо онҳоро бо гуногунияти машқҳои миллӣ шинос намуда, лаёқати онҳоро барои таҳрезӣ ва тартиб додани расмҳо ва композисияҳои мавзӯӣ, ки хусусиятҳои нақши диёри худро инъикос менамоянд, равона месозад.

Дар машғулиятҳо донишҷӯён бо мазмун ва шакли санъати кашидадӯзӣ, асосҳои композисия, сохти нақш, шакл ва рангу мотивҳои нақш, зарурияти такрорёбӣ (ритм) ва баробарвазнӣ (симметрия), бо усулҳои тартиб додани нақшҳои гуногун дар тасма, чоркунҷа, доира ва ғайра шинос мешаванд.

Қисми амалии машғулият бояд ба офаридани маснуот барои оройиши рӯзгор, қисми дохилии бино, сару либосҳо ва предметҳое, ки ба ҳаёт заруранд, равона карда шавад. Гарчанде эскизи нақшҳо дар алоҳидагӣ ба таври эҷодӣ тартиб дода шавад, ҳам маснуотҳои калон монанди: рӯймол, рӯйҷо ва ғайра якчанд нафар якҷоя медӯзанд.

# ТАЪРИХИ КАШИДАДӮЗӢ

Кашидадӯзӣ, гулдӯзӣ, намуди санъати ороишию амалии халқист, ки дастӣ (бо сӯзан ва гоҳо бо чангаки махсус) ё ба воситаи мошинаи махсуси гулдӯзӣ дар рӯи матоъҳои гуногун, пӯст, намад ва ғайраҳо, бо ресмонҳои пахтагӣ, абрешимӣ, пашмӣ, наххои зарҳалию нукрагин, инчунин бо сангҳои қимматбаҳо, пулакчаҳои рахшон, марворид, марҷон, танга ва ғайраҳо (дар матоъҳои дурушт) иҷро карда мешавад.

Кашидадӯзӣ асосан шуғли хонагӣ буда, барои ороиши сару либос, иқоматгоҳ, ҷиҳози хона ва дигар васоити зиндагӣ истифода мешавад. Асбобҳои кашидадӯзӣ асосан сӯзан, чангак, бигиз, ангуштпона ва чанбарак мебошад.

Зардӯзӣ низ яке аз қисми ҷудонашавандаи кашидадӯзӣ ба шумор меравад.

Таърихи кашидадӯзӣ ба замонҳои хеле қадим, ба асри санг тааллуқ дорад: пайдошавии кӯк дар либосҳои аз пӯсти ҳайвонот тайёршуда, такомули он ҳангоми гузаштан аз бигизҳои сангӣ ва устухонӣ ва аз он ба сӯзанҳои устухониву биринҷӣ ва дертар пӯлодӣ, инчунин ба вуҷуд омадани касби бофандагӣ ва рангуборкунӣ аз инкишофи тадриҷии ин касб шаҳодат медиҳанд.

Аз ҳафриёти археологӣ равшан аст, ки кашидадӯзӣ аз навъи ҳунарҳои нафиси қадима буда, ҳар қавм бо сабки худ анъанаҳои беҳтарини онро дар ин поя то ба рӯзгорӣ мо овардaнд. Намунаи қадимтарини кашидадӯзии Осиёи Миёна матои ороиши сюжетдоре мебошад, ки ҳангоми ҳафриёти солҳои 1924-1925 аз Ноин-ул (асри-I то милод, дар Эрмитажи С.Петербург) пайдо гардидааст.

Одамон аз қадимулайём мӯъҷизаҳои табиатро бо аломату рамзҳо тасвир кардаанд, ба монанди:



Давра – офтоб, рамзи ҳаёт.
Қатра – об, дона, барги растанӣ.
Катак – маҳдудияти фазо, киштзор.
Пулакча – рӯйпӯш, ҳимоя аз муҳит.
Илтиво - (морпеч, каҷҷак) - гирдоб, тӯфон.
Ромб - иқтидор, қувва, барор.
Нукта - ибтидои ибтидо.
Хати рости уфуқӣ - оромӣ.
Хати рости амудӣ - баландӣ.
Хати шикаста - мубориза.
Хати каҷ - ҳаракат.
Бодом - барвақт шукуфтан.

Дар нақшҳо бештар нукта ва хатҳо бо тасвири растаниҳо вомехӯранд, онҳо бо омезиш истифода мешаванд. Бояд қайд кард, ки дар Авесто офтоб, об, оташ ва табиат муқаддас шуморида мешуд, бинобар ин урфу одат аз давраи зардуштӣ боқӣ мондааст.

Аз ин аломатҳо тартиб додани нақшҳо дар дарсҳо имконият ба мақсад мувофиқ аст, чунки он оянда ба таҳлили нақшҳо (дар либос, бино) ва омӯхтани он ёрӣ мерасонад. Тасвироти олии он аз камолоти ҳунари кашидадӯзӣ ҳанӯз дар ҳамон давра шаҳодат медиҳад.

Санъати кашидадӯзии халқҳои Осиёи Миёна ҳар яке бо сабки хос таҳаввулу инкишоф ёфтааст. Зеро дар тӯли қарнҳои зиёд ороиши сару либос (бештар дар кӯҳистон), таҷҳизоти хонаю ҷой ва анҷому ашёҳои рӯзгор (дар водиҳо), хуллас аз бисоти тифлӣ то ҷиҳози арӯсӣ дар худи хонадон ба ҷо оварда мешуд. Аз ҳафриёти Тупрок-калъа, Варахша, Балалик-тепа

ва сарчашмаҳои адабӣ пайдост, ки кашидадӯзии тоҷик бо санъати баланди бадеӣ ва сабки хусусиятҳои хоси миллиаш аз қадим боз маъмулу машҳур будааст.

Хусусан, кашидадӯзии давраи Темуриёни Самарқанд ниҳоят ҷолиби диққат буд, ки аз навиштаҷоти сайёҳи испанӣ Рюи Ганзалес-де-Клавихо бармеоянд. Асарҳои мактаби минеатурии Ҳирот, Табрез ва Бухоро низ гувоҳи авҷи ин санъатанд: хайма, сару либос, чатр, зинпӯшҳои гулдӯзӣ.

Санъати кашидадӯзии тоҷикро аз рӯи услуб ба ду навъ ҷудо кардан мумкин аст, ки он ба иқлим, шароити табиӣ ва муҳит мувофиқ аст, яъне

1. Кашидадӯзии тоҷикони кӯҳистон.
2. Кашидадӯзии тоҷикони водинишин.

Кашидадӯзони водинишин бештар ба ороиши ҷиҳози хона ва кашидадӯзони кӯҳистон бошанд ба кашидадӯзи намудани сару либос аҳамияти калон медиҳанд.

Аз даврaҳои қадим зиёда аз 700-намуди нақши кашидадӯзӣ маълум аст, ки намунаҳои беҳтарини он инҳоянд: аноргул, аштак, барги бед, бодом, гулгулак, ислимӣ, каҷҷак, лола, маҷнунбед, райҳон, себарга, тоҷи хурӯс, аждаҳо, булбул, гургурак, думи товус, морпечон, нохуни паланг, пои каргас, пар-пар, паи гунҷишк, оташ, ҳилол, ҳашттарак, гулбарг, моҳу ситора ва ғайраҳо мебошанд.

Махсусан нақшу нигори куртаҳои занонаи Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз, Бадахшон дорои қиммати баланди бадеианд. Рангҳои мухталифу равшани нақшҳои он бо ҳам мувофиқати том дошта, тобиши якдигарро пурра мекунанд.

Кашидадӯзон дар ороиши куртаҳои занона асосан пеш, бари доман, гиребон, остин ва тахтапушти куртаҳоро оро медиҳанд.

Самарқанду Бухоро, Истаравшану Панҷакент, Конибодому Исфара ва Хуҷанду Ашт марказҳои асосии санъати кашидадӯзӣ кардани ҷиҳози хона ҳисоб меёбанд.

Сӯзаниҳои ин маҳаллҳо бо композитсияи аҷиби худ қолинҳои нақшинро ба хотир меоранд. Онҳо аз матоъҳои шоҳӣ, сатин, бахмал ва дигар матоъҳо буда, астардор мешаванд. Одатан нақши сӯзаниро худи кашидадӯзҳо мекашанд.

Сӯзанӣ бо усули пурдӯзӣ ё кандахаёл дӯхта шуда, композитсияи маъмули он аз 6-9 доира ва баъзан 12 доираи мутаносиб ва нақшу нигори мулавван иборат аст.

Дар марказ нақши мураккаби асосӣ ва дар атрофаш ҳошияву гулнақшҳои дигар ҷой дода мешаванд. Бо чунин усул болишт, рӯйҷо, қарс, зардевор, гаҳворапӯш, ҷойнамоз, миёнбанд, ҷойхалта ва ғайраҳо дӯхта мешуданд.

Рӯймол, ки компоненти муҳими либоси мардонаи миллист, асосан бо нақшҳои ҳандасӣ, оба, марза, паи гунҷишк, доирача ва ғайраҳо кашидадӯзӣ мешавад. Дар ҷануби Тоҷикистон ба канорҳои рӯймол шилшилаҳои пулакчадор илова мекунанд.

Кашидадӯзӣ маҳсули меҳнати насли зиёди ҳунармандони халқӣ буда, ба ҳаёт, зиндагӣ, урфу одат ва олами маънавии мардуми тоҷик алоқаманд аст.

Кашидадӯзӣ ҳунарест, ки чун воситаи муҳими эстетикию ороишӣ хизмат мекунад.

Устоҳои машҳури кашидадӯзи Тоҷикистон - Ходимони хизматнишондодаи санъати Тоҷикистон З.Бахриддинова, К.Гаюров (саррассоми иттиҳодияи ҳунарҳои нафисаи «Гулдаст»), инчунин Д.Алимирзоева, С.Фузайлова, Б.Тошматова ва дигаронанд, ки маҳсули меҳнаташон борҳо дар намоишгоҳҳои байналхалқӣ намоиш дода шуда, баҳои баланд гирифтаанд.

## 2.ТАЛАБОТҲОИ ОМЎЗГОРӢ НИСБАТИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ КАШИДАДЎЗӢ

Машғулиятҳои кашидадўзӣ, ҳамчун воситаи тарбияи эстетикию меҳнатӣ хизмат намуда, ба хусусиятҳои шахсӣ, ки барои фаъолияти меҳнатӣ заруранд таъсири мусбӣ мерасонанд. Барои ин ба муаллим зарур аст, ки ба чунин талаботҳо риоя намоянд:

- рафти таълим ва тарбияviро бо алоқамандӣ ташкил кардан;
- шаклҳои кори фардиро бо умумӣ мувофиқ намудан;
- барои интихоби намуди фаъолият дастрасии онро ба ҳисоб гирифтан;
- хусусияти маснуоти ичрошавандаро ба хубӣ омўхта, зарурияти дар ҳаёт истифода бурда шудани онҳоро ба назар гирад.

Барои муайян намудани роҳҳои асосии такмил ва ташаккули маҳорат ва малакаи меҳнатии донишҷўён дар асоси машғулиятҳои санъати ороиши амалӣ, зарур аст, ки як қатор масъалаҳо дида баромада шаванд.

Дар навбати аввал албатта масъалаи интихоби услубҳои таълим барои ташаккул додани маҳорат ва малака меистад.

Дар илми психология ва педагогика фаҳмиши маҳорат ва малакаро ҳар хел маънидод намуданд, вале яке ба дигаре муқобил нестанд. Зеро ташаккули маҳорат ва малака барои тараққӣ додани қобилияти эҷодӣ ва дигар хусусиятҳои шахсӣ мусоидат мекунад.

Дар тайёрии касбии омўзгорони оянда нақши асосиро машғулиятҳои кашидадўзии санъати ороишӣ-амалӣ мебозанд, кадоме, ки аз донишҷўён фаъолнокии хотири

биноӣ, тасаввурот, ҷамъи дониш ва маҳорату малакаи онҳоро талаб мекунад.

Таҷрибаҳои чандинсолаи факултаи рассомӣ-графикии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров нишон медиҳанд, ки дар раванди гузаронидани машғулиятҳои ҳунарӣ имконияти ташаккул додани маҳорати омӯзиши ҳақиқати зебоӣ ва дарк намудани қиммати бадеии асарҳои санъати ороиши амалӣ дар донишҷӯён пайдо мегардад.

Омӯзгор пеш аз ҳама бо донишҷӯён сӯҳбатҳои мазмуннок мегузаронад. Агар сухан дар бобати кашидадӯзӣ равад, он гоҳ дар бораи таърихи кашидадӯзӣ, пайдоиши он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи хусусиятҳои хоси кашидадӯзӣ, истифодаи онҳо, тараққиёт, намудҳои кашидадӯзӣ, матоъҳои ороишшаванда нақл кардан мумкин аст.

Дар нақли худ инчунин донишҷӯёнро бо табиати диёр, хусусиятҳои анъанаҳои миллӣ, ки дар асарҳои ҳама халқият инъикос меёбанд, истифода мебарад.

Ҳангоми шиносоӣ бо зарурияти дар ҳаёт истифода бурда шудани маснуотҳои иҷрошуда, ки дар рӯзгор вомехӯранд, аз воситаҳои аёнӣ, ба монанди плакатҳои таълимӣ, намунаҳои корҳо истифода бурдан лозим аст.

Гузаронидани чунин сӯҳбатҳо самарабахшанд, зеро муаллим дар он бо тарзи саволу ҷавоб дониши донишҷӯёнро мукаммал месозад ва ба дараҷаи дониши онҳо шинос мегардад.

Таҷрибаҳо собит месозанд, ки ҳангоми ташаккул додани маҳорати эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими санъати ороиши амалӣ чунин талаботҳоро истифода бурдан мумкин аст:

- донишҷӯёнро на танҳо бо ҷамъи донишҳо, балки бо ҷамъи муносибатҳо бо ба ҳисобгирии алоқаи байни фанҳои санъати

ороиши амалӣ бо расм, мусаввирӣ ва композитсия мусаллаҳ намудан;

- дар донишҷӯён ташаккул додани қобилияти муайян кардани мавқеъ, мустақилона муайян сохтани мақсад, ҳаракат, фаъолият ва маҳорати касбӣ;

- ташаккул додани малакаҳои меҳнатӣ бо услуби машқи мавқеъмуайянкунӣ.

Дар раванди фаъолияти амалӣ омӯзгор бештар усули дастурдиҳиро истифода мебарад, ки он фардӣ, ҷорӣ ва ҷамъбастӣ шуда метавонад. Масалан, ҳангоми фаҳмондадиҳӣ ва намоиш додани тарзи иҷрои дӯхтҳо, тартиби иҷрои кор, шиносоӣ бо қоидаҳои бехатарӣ бо сӯзан, қайчӣ ва ғайраҳо.

Яке аз роҳҳои самаранок мукаммал намудани дониши донишҷӯён ин ташрифи намоишгоҳҳо мебошад. Саёҳат ба намоишгоҳҳо донишҷӯёнро бо санъати ороишӣ-амалӣ шинос менамояд. Онҳо оиди таърихи тараққиёти ҳунарҳои халқӣ, ҳунармандони гузашта ва ҳозира маълумот мегиранд.

Дар рафти шиносоӣ донишҷӯён расмҳои сиёҳмашқӣ иҷро намуда, маводҳоро ба дарс ҷамъ меоваранд, дар асоси ин ҳангоми кори мустақилона композисияҳои эҷодӣ меофаранд.

Дар машғулиятҳо гурӯҳи донишҷӯён на зиёда аз 10-15 нафар бошад, зеро ҳунари дастӣ хусусиятҳои хоси худро дошта, бо ҳар як нафар дар алоҳидагӣ кор бурданро талаб мекунад

## 3.МАВОДҲО ВА АСБОБҲО БАРОИ КАШИДАДӮЗӢ

Маводҳо барои кашидадӯзӣ асосе мебошад, ки дар рӯи он иҷро карда мешавад. Ин - матоъ, чарм, замша ва ресмонҳои дӯхташаванда, ки дар навбати худ онҳо низ ба хелҳо ҷудо мешаванд. Ресмонҳои пахтагин, пашмин, шоҳӣ иборат аз марҷонҳо истифода бурда мешаванд. Барои ҳар як гулдӯз: сӯзанҳо, ангуштпона, қайчӣ, чанбарак шуданаш лозим аст.

**Сӯзан** - вобаста ба ғавсии матои дӯхташаванда, ресмон, нақши тайёркардашуда, аз рӯи ғавсӣ ва дарозӣ интихоб карда мешавад.

Бештар аз сӯзани сӯрохии калон дошта истифода мебаранд, чунки сӯзанҳо дар маъто сӯрохиҳои калон гузошта, гузариши ресмонро осон мегардонанд.

Агар сӯзан борик бошад, ресмон аз сӯрохии ҳосилшудаи матоъ бо душворӣ гузашта, сифаташ бад мегардад ва тез канда мешавад.

**Қайчӣ** – бояд на он қадар калон, лекин тез бошад. Бо он охири ресмони корӣ, баъзе ҷойҳои матоъ бурида мешавад.

**Ангуштпона** – металлӣ, пластмассагӣ шуда метавонад ва барои муҳофизати ангуштон хизмат мерасонад.

**Чамбарон** - барои таранг кашидани матои дӯхташаванда истифода бурда мешавад. Дар рӯи матои бо чамбарон кашидашуда кор бисёр зебо ва ҳамвор иҷро карда мешаванд.

Ҳангоми иҷрои кор ба ҳолати тан аҳамият додан зарур аст, яъне ба қомати рост, ба вазни нишаста, баландии курсии нишаст ба баландии мизи кори мувофиқ бояд бошад.

Ҳар як кор пеш аз ҳама тайёрии хуби пешакиро металабад. Чӣ тавре ки тайёри хуб бошад, кор ҳам аниқ ва зебо иҷро мешавад.

Барои кашидадӯзӣ пеш аз ҳама гузаронидани нақш зарур аст. Онро бо чунин тарзҳо мегузаронанд:

1. Ба рӯи расм қоғазӣ тунуку шаффофро гузошта, аз чор тарафи он бо сӯзанҳо махкам намуда, бо қалами начандон нӯгтез расмро мекӯчонанд.
2. Усули маъмул гаштаи кӯчонидани тасвир ин бо воситаи қоғази нусхабардорӣ мебошад. Дар сатҳи ҳамвор ё миз матоъро кушода, ба болои он коғази нусхабардор, баъд нақши интихобшударо гузошта, расмро оҳиста мекӯчонанд. Дар ин ҳолат эҳтиёткорона бо дастон фишори сахт надода мекӯчонанд, то ин ки баъзе ҷойҳои матоъ ифлос нашавад. Баъд аз чунин тайёриҳо ба кашидадӯзӣ машғул мешаванд.

## 4. НАМУДҲОИ ДӮХТ.

Барои кашидадӯзӣ намудҳои гуногуни дӯхт истифода бурда мешаванд, мехоҳем бо чунин шинос намоем:

1.**Дӯхти ироқӣ** – чунин намуди дӯхт хеле маълум буда, дар эҷодиёти ҳамаи халқҳо вомехӯрад. Он аз ду захми моил, ки дар мобайн бо ҳам бурида мешаванд, иборат мебошад.

Боз як тарзи дӯхти ин намуд - ин аввал як зерресмони дароз дӯхташуда дар бозгашт, зарбҳои алоҳида гузошта мешавад, лекин тарзи якум зеботар мебароянд.

(ниг. ба расми 1)

**2.Дӯхти хомдӯзӣ** – чунин намуди дӯхт хеле зебо буда, барои ороиши сару либос, ороиши маводҳои маишӣ, дастурхон, пешгирак, пардаҳо ва гайра истифода бурда мешавад. Дар навбати худ ин дӯхт намудҳои худро дорад, якранга, ранга, қабати тунуки захмдошта, ҳаҷмнок ва бо сӯрохиҳои гуногун иҷрошуда мебошад.

Дӯхтро бояд аз намудҳои осонтар сар карда, то ба мушкилтар расонидан лозим аст. Барои ҳамаи намуди дӯхт, албатта пеш аз ҳама расмро ба матоъ мегузаронанд, баъд аз он гирди расми кӯчонидашударо бо захмҳо маҳдуд мекунанд. Дохили маҳдудияти расмро бо захмҳои калон-калон паҳн намуда, медӯзанд, ки онро асос меноманд. (ниг. ба расми 2)

**3.Дӯхти юрма** – чунин намуди дӯхтро дӯхти ҳамвор низ меноманд. Баъзан онро барои маҳдудсозии гирди нақш низ истифода мебаранд. Лекин асосан барои пур кардани дохили нақши кашидашуда кор фармуда мешавад.

Чӣ тавре, ки маълум аст, ин намуди дӯхт бо мошинҳои махсуси юрмадӯзӣ низ иҷро карда мешавад. (ниг. ба расми 3)

**4.Дўхти оба** – ин намуд аз поён ба боло дўхта мешавад. Сўзан аз таги матоъ ба рў бароварда шуда, як захми андозааш миёна дўхта мешавад, ҳангоми сўзан ба таги матоъ рафтан, он бояд, ки ба тарафи дўзанда равон бошад. Баъдан сўзанро ба рўи матоъ аз миёна ҷои захми дўхташуда бароварда, боз як захми ба андозаи аввала монанд, зада мешавад. Ҳангоми ба рў баромадан, сўзан аз сўрохиҳое, ки захми якум тамом шуда буд, бароварда мешавад. Ҳамин тавр бо чунин тартиб боқимонда замҳо дўхта мешаванд. (ниг. ба расми 4)

**5.Дўхти чамак** – ин намуди дўхт аз чап ба рост байни ду хати паралелӣ иҷро карда мешавад. Ба рўи матоъ бо навбат ҳам дар хати болоӣ ва ҳам хати поёнӣ захмҳо зада мешаванд, ки онҳо якдигарро бурида, дар натиҷа зарбҳои дарозтар ҳосил мешавад. Чунин дўхт барои ороиши сару либос кор фармуда мешавад. Дўхтҳои оба ва чамак дар ороиши рўймолҳои мардона ва бачагона низ бисёр истифода бурда мешаванд. (ниг. ба расми 5)

**6.Дўхти илмак** - ин намуди дўхт асосан дар гирдо-гирди маҳсулоти дўхташуда ҳамчун ороишӣ ва покиза нигоҳ доштани канорҳои он аз ресмонҳои майда ва набаромадани онҳо истифода бурда, онро ҳам бо ёрии сўзан ва ҳам чангаки махсус иҷро мешавад.

Занону духтарони ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон ин намуди дўхтро дар ороиши дастрўймолчаҳо бо ёрии чангак низ истифода мебаранд, гирдо-гирди рўймолча аввал бо тарзи илмак тўрбофӣ карда шуда, баъд ба дигар намуд оро дода мешавад. (ниг. ба расми 6)

**7.Дўхти басма** - ин намуди дўхт ба яке аз намудҳои хомдўзӣ дохил шуда, дар навбати худ боз ба якчанд хелҳо

ҷудо мешавад, ба монанди: захмаш дароз ( расми 7 а); захмаш лӯнда (расми 7б); дӯхт аз болои захм бо захмҳои дуқабата (расми 7в); донача, зирадӯзӣ (расми 7г) ; канда-хаёл ( расми 7д); чинда-хаёл ё дурӯя (расми 7е).

Инчунин ин намуди дӯхтро дӯхти шаркӣ низ меноманд.

**8.Дӯхти бахя -** дар ин намуд, ба сӯзани корӣ аз рост ба чап як захм зада шуда, масофаи холии андозааш баробари захми гузошташуда монда мешавад. Барои гузоштани захми дуюм ресмонро аз чап ба рост гузошта, сӯзанро ба охири захми якум ворид менамоянд. Ин дӯхт инчунин ба захми мошинӣ низ шабоҳат дорад. (ниг. ба расми 8)

**9. Дӯхти «сӯзан ба пеш» -** ин дӯхт дӯхти хеле содда буда, дар натиҷаи сӯзанро аз рост ба чап ҳаракат додан иҷро карда мешавад. Яъне барои захм ва масофаи холӣ андозаҳои якхеларо ба ҳисоб мегиранд. (ниг. ба расми 9)

**10. Дӯхти кунгура -** ин намуди дӯхт низ хеле содда буда, захмати зиёдро талаб намекунад. Аввал баландии захм ё кунгураҳо муайян карда мешавад. Аз поён ба боло ба таври моил, ба тарафи рост захм зада, масофаи муайяни холӣ дар рӯ ба рӯи охири захми якум гузошта, сӯзанро аз паси матоъ бароварда ба сӯрохии якуми захми аввала ворид менамояд. Ин амал такрор ёфта, дӯхти кунгура ҳосил мешавад ( ниг. ба расми 10)

**11. Дӯхти хаштгарак-** ин дӯхт бо гузашти захмҳои майдаи бахя бо тартиби муайян иҷро карда мешавад. Бо навбат захмҳои бахя якто дар поён, якто дар боло зада шуда, дар оқиби матоъ нақшҳои хашт-хашт пайдо мегарданд. Бинобар ин агар нақшро бо дӯхти хаштпорак пур карданӣ бошем, бояд дар оқиби матоъ дӯхти бахя иҷро карда шавад (ниг. ба расми 11)

**12. Дӯхти бандак** - ин намуди дӯхт ду ичроишро талаб менамояд. Аввал, дар рӯи матоъ дӯхти «сӯзан ба пеш» ичро карда мешавад, лекин масофаи холӣ гузошта мешуда бояд, ки аз андозаи захм, яъне дарозии захм хурдтар бошад.

Дар навбати дуюм бошад, сӯзан бо ресмон аз байни ҳар як захми гузошташуда озодона, яъне ба матоъ ворид нашуда, якбор аз боло ва якбор аз поёни захм гузаронида мешавад. Дар аксар ҳолат ин ресмони гузаранда бо дигар ранг ичро карда мешавад. (ниг. ба расми 12).

**13. Дӯхти гиреҳӣ** - ин намуди дӯхт ороишӣ буда, аксаран барои пур кардани нақши дилаки гулҳо истифода бурда мешавад. Сӯзанро бо ресмони корӣ аз зери матоъ ба сатҳи рӯии он бароварда, бо нӯги сӯзан ресмонро як-ду маротиба мепечонанд ва дар наздикии сӯрохие, ки аввал ресмон баромада буд, сӯзанро ба зери матоъ ворид месозанду оҳиста ресмонро мекашанд, гиреҳи якум ҳосил мешавад.

Боз чунин тарз корро дар тамоми сатҳи зарурӣ ичро намудан мумкин аст. (ниг. ба расми 13).

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бисёр аз намуди дӯхтҳо дар эчодиёти ҳунарии ҳамаи халқҳои чаҳон низ истифода бурда мешавад.

Дар ороишоти кашидадӯзии бадеии халқии тоҷик зиёда аз ҳафсад намуди нақш истифода бурда шуда, ҳар яки он номгӯи худро дорад ва онҳоро мо дар сӯзаниҳои калонҳачм, чойнамоз, рӯйчо, гаҳворапӯш ва ғайраҳо дида метавонем.

Намудҳои асосии ин нақшҳоро номбар намудан мумкин аст:

221578

1. Аноргул.
2. Аштак.
3. Барги бед.
4. Бодом.
5. Гулгулак.
6. Ислимӣ.
7. Каҷҷак.
8. Лолоа.
9. Маҷнумбед.
10. Райҳон.
11. Себарга
12. Тоҷихурӯс
13. Аждаҳо
14. Булбул
15. Ғурғурак
16. Думи товус
17. Морпечон
18. Нохуни паланг
19. Паи каркас
20. Пар - пар
21. Ҷанги гунҷишк
22. Оташ
23. Ҳилол
24. Ҳашттарак
25. Гулбаст
26. Моҳу ситора
27. Оба
28. Марза
29. Паи гунҷишк
30. Дойрача.

## Машғулияти 1.

Шинос намудани донишҷӯён бо таърихи кашидадӯзӣ, таҷҳизот, масолеҳ, тарзи гулдӯзӣ ва хислатҳои гуногуни кашидадӯзӣ. Хотиррасон намудан мумкин аст, ки гулдӯзӣ дар байни халқиятҳои гуногун хеле маъмул буда, бо зисту зиндагонии одамон алоқамандии зич дорад. Вобаста ба шароити зист нақшҳои ҳар як кашидадӯзӣ анъанаҳои худро дар бар мегирад. Чунин гулдӯзиҳои зебо дар либосҳои замонавӣ низ мавқеи худро ишғол карда истодаанд. Дар бораи таърихи кашидадӯзии халқии тоҷикӣ аз қисми муқаддимавӣ низ ба пуррагӣ маълумот гирифтан мумкин аст.

Донишҷӯён инчунин бо масолеҳ ва таҷҳизот барои гулдӯзӣ ба монанди чамбарак, сӯзанҳои гуногун, ресмонҳо, қайчию матоъҳои гуногун шинос карда мешаванд.

**Машғулиятҳои 2-4. Кашидадӯзии рӯймолча.**

Дар ин машғулият донишҷӯён бо асарҳои ҳунармандони халқӣ шинос карда шуда, аз элементҳои нақшҳои растанигии рӯймолҳои миллӣ бохабар мегарданд.

Ангораҳо бояд иҷро карда шаванд, ки нақшҳои истифодашаванда пештар ба донишҷӯён шинос буданд.

Дар ин дарс онҳо интихоби ранги лозима ва эҷодкорона тартиб додани нақшро меомӯзанд.

**Мақсади дарс:** Шиносӣ бо гулдӯзии миллӣ бо истифодаи нақши ироқӣ, кунгура, оба, чамак, хомдӯзӣ.

Иҷрои машқҳо бо дӯхти ироқӣ, кунгура, оба, чамак, хомдӯзӣ.

**Машғулиятҳои 5-7. Кашидадўзии ҷиҳак.**

Дар ин машғулият донишҷўён бо санъати дўхти ироқӣ шинос шуда истода, усулҳои сохтани нақшҳои гуногун барои тасма, ҷиҳакро меомўзанд ва аз асарҳои эҷодии ҳунармандони халқӣ бохабар мегарданд. Чунин намуди дўхт дар маишати бисёр тоҷикон вохўрда, духтарон аз хурдсолӣ бо дўхти ҷиҳак шинос мебошанд. Дар ин машғулият онҳо бо малакаи пешандўхтаи худ ба кор шурўъ менамоянд.

**Мақсади дарс:** Шиносоӣ бо дўхти ҷиҳак, тасма.

Иҷрои машқҳо бо дўхтҳои ироқӣ ва басма.

**Машғулиятҳои 8-10. Кашидадўзии гулҳо.**

Дар ин машғулият донишҷўён усулҳои иҷроиши элементҳои нақши геометрӣ ва растанигӣ, роли ранг дар нишон додани онҳоро меомўзанд.

Дарк карда мешавад, ки ранг ба қабули эмотсионалии дўхт таъсири калон мерасонад. Худи ҳамон як нақш дар ҳолатҳои тағйир додани рангҳо тобишҳои гуногун медиҳад. Даме бо сурхии равшан табъи инсон хуш гашта, ҳангоми гузоштани рангҳои нисбатан хунук он ба куллӣ тағйир меёбад.

Кашидадўзӣ бо намуди ҳомдўзӣ иҷро карда мешавад. донишҷўён амалан бо чунин намуди хеле зебои дўхт шинос гашта, нисбати эҷодкорона фикррониӣ ба кори худ қобилият пайдо мекунанд.

**Мақсади дарс:** Иҷрои машқҳо бо дўхтҳои ҳомдўзии ранга, юрма, ироқӣ, гиреҳ.

**Машғулиятҳои 11-13. Кашидадӯзии гиребон ва камзӯлчаи курта.**

Дар ин машғулият духтарон бо намудҳои гуногуни гиребони куртаҳо шинос гашта, ба ҳар як намуди онҳо нақшҳои ба худ маъқулро эҷод менамоянд.

Инчунин донишҷӯён бо намудҳои гуногуни дӯхтҳои ороишдиҳанда дар санъати миллии худ ва санъати халқиятҳои дигар шинос карда мешаванд.

Дӯхтҳои юрма, ҳашттарак, гиреҳӣ, ироқӣ, хомдӯзӣ барои намудҳои гуногуни гиребонҳо иҷро карда мешаванд.

**Мақсади дарс:** Шиносӣ бо дӯхтҳои юрма, гиреҳӣ, ҳашттарак, ироқӣ, иҷрои машқҳо.

**Машғулиятҳои 14-17. Кашидадӯзии рӯймоли мардона**

Дар машғулияти навбатӣ омӯзиши дӯхтҳо бо иҷрои машқҳои амалӣ мустаҳкам карда мешаванд. Барои кашидадӯзии рӯймол чунин дӯхтҳо:

- Оба, чамак, кунгура ва хомдӯзӣ истифода бурда мешаванд.

Баъди он ки расм ба матоъ кӯчонида мешавад, донишҷӯён ба кор шурӯъ менамоянд ва аз дӯхтҳои дар боло номбаршуда истифода мебаранд.

Баъзан барои ҳаҷмнок шудани нақш ба зери дӯхт қоғазҳои ғафс монда низ медӯзанд.

**Мақсади дарс:** Иҷрои рӯймоли мардона бо истифодаи дӯхтҳои оба, чамак, кунгура, ироқӣ.

## Машғулиятҳои 18-21. Супориши эҷодӣ. Кашидаҳои парранда ва дарахт (сюжетҳои композитсионӣ)

Дар ин машғулият донишҷӯён бо эҷодиёти беҳтарини ҳунармандони халқӣ шинос гашта истода, эҷодкорона композитсияҳои худро тартиб медиҳанд.

Баъд аз он ки расми интихобкардашуда ба матоъ кўчонида мешавад, духтарон намуди дўхтро мустақилона интихоб менамоаравval, расми интихобшуда дар қоғаз ба ранг дароварда шуда, баъд аз рўи он рангҳи ресмонҳо интихоб карда мешавад.

**Мақсади дарс:** Иҷрои сюжети композитсионӣ бо истифодаи дўхтҳо мувофиқи табъи худ.



Расми 1



Расми 2



Расми 7



Расми 7а



Расми 7б



Расми 7в



Расми 7г



Расми 7д



Расми 7е



Расми 8



Расми 9



Расми 10



Расми 11



Расми 12



Расми 13

## Семантикаи нақшҳо

| № р/т | Ном ва намудҳои нақш | Расми нақш |
|---|---|---|
| 1. | Аноргул |  |
| 2. | Аштак |  |
| 3. | Барги бед |  |
| 4. | Бодом |  |
| 5. | Гулгулак |  |
| 6. | Ислимӣ |  |
| 7. | Каҷҷак |  |

| | | |
|---|---|---|
| 8. | Лола |  |
| 9. | Маҷнунбед |  |
| 10. | Райҳон |  |
| 11. | Себрага |  |
| 12. | Тоҷи хуруз |  |
| 13. | Аждаҳо |  |
| 14. | Ғурғурак |  |

| | | |
|---|---|---|
| 15. | Думи товус |  |
| 16. | Морпечон |  |
| 17. | Нохуни паланг |  |
| 18. | Паи каркас |  |
| 19. | Пар-пар |  |
| 20. | Ҷанги гунҷишк |  |
| 21. | Оташ |  |

| | | |
|---|---|---|
| 22. | Ҳашттарак |  |
| 23. | Гулбаст |  |
| 24. | Моҳу ситора |  |
| 25. | Оба |  |
| 26. | Марза |  |
| 27. | Паи гунҷишк |  |
| 28. | Дойрача |  |

## Намунаҳо аз корҳои амалии донишҷӯён




















ХАЗРАТКУЛОВА СЕВАРА

















## Адабиёт:


1. И.А.Белинская. «Декоративное искусство горного Таджикистана» Душанбе-1965, 91с.ил.
2. И.А.Белинская., М.А.Рӯзиев., Н.З.Юнусова. «По законам красоты» Изд-во «Дониш» -Душанбе, 1981, 137 с.ил.
3. И.А.Белинская. «Архитектурно-Декоративное искусство Таджикистана» (XIX-XXвв) Душанбе-2010, 296 с.ил.
4. Б.Ғафуров. «Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав» -Душанбе: 2008, 870с.
5. Т.И.Еременко. «Иголка волшебница» М.: «Просвещение» 1988, 106 с.ил.
6. Т.И.Еременко. «Рукоделие» М:. «Просвещение» 1988, 158 с.ил.
7. Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Душанбе, 1988, 624 с.ил.
8. Энсиклопедияи Советии тоҷик. Под.ред: М.С.Осимов, ҷилди 1-2-5. 404 с.ил.


••••


Дадобоева М.Н. Ҳасанов С. КАШИДАДӮЗӢ (Дастури методӣ). Хуҷанд, 2011, 44 саҳ.

••

Муҳаррири техникӣ ва тарҳи компютерии: Т.М.Турдиев

•

Ба матбаа 25.08.2011 супорида шуд. Ба чоп 30.08.2011 имзо карда шуд.
Супориши № . Андозаи 60x84/ 1/16. Ҷузъи. 2,7.
Теъдод 100 нусха.